Бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст
__________Қаҳҳорзода Файзиддин
«_08_»_____12_______ с. 2018

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________Нуриддин Саид
«_28_»_____11_______ с. 2018

Бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.
______________Сумангул Тағойзода
«____»_____12________ с. 2018

Бо Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.
__________Одиназода Рамазон
«_6_»_____12________с. 2018

# Низомномаи пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

Душанбе 2018

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомнома оид ба пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (минбаъд Низомнома) бо мақсади ба танзим даровардани шакл ва намудҳои пардохти музди меҳнати кормандон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия гардидааст.

2. Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2018, №306 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2017, №7/36 Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2018, №94 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №11/38 «Низомнома оид ба ташкили раванди низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади иҷрои банди 6 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №438 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2018, №1084 таҳия карда шудааст.

3. Андозаи музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Маблағгузории музди меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсус амалӣ карда мешавад.

4. Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси қонунгузории ҷорӣ, Оиннома, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва Низомномаи мазкур мустақилона шакл ва низоми пардохти музди меҳнат, андоза ва намуди иловапулӣ, мукофотпулӣ ва дигар намуди ҳавасмандгардонии моддии кормандонро бо мувофиқаи муассис дар доираи фонди музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои махсус пешбинигардида, муайян менамояд.

5. Пардохти музди меҳнати воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба низоми пардохти музди меҳнати соҳае, ки ба онҳо тааллуқ доранд, дар асоси муқаррароти тартиби пардохти музди меҳнати тасдиқгардида, метавонад сурат гирад.

## 2. Усулҳои асосии ҳисобкунии пардохти музди меҳнат.

Ҳангоми таҳия ва муқаррар намудани низоми пардохти музди меҳнат тавсия дода мешавад, ки омилҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- таъмини вобастагии музди меҳнат аз ихтисосмандии корманд, тахассуснокии он, мушкилии кори иҷрошуда, миқдор ва сифати корҳои бо андозаи ниҳоии он бе маҳдуд сарфшуда;

- мураттабсозии пардохтҳо барои иҷрои кор дар шароити махсус ва дар шароити аз шароити муқаррарӣ фарққунанда, таъмини ягонаи усулҳои истифодаи онҳо дар муассисаҳои буҷетӣ;

- истифодаи навъҳои гуногуни пардохти ҳавасмандгардонӣ асосан аз ҳисоби татбиқи дорои хусусияти иловагии ҳавасмандгардонии ба тарифи меъёрҳои музди меҳнат муқарраршуда;

- нигоҳ доштани фазои ягонаи тартиби аттестатсия ва тахассуснoккунии кормандон барои гуруҳҳои дахлдори касбӣ-тахассусӣ муқарраршуда;

- ба назар гирифтани нақшаҳои муқаррарнамудаи тарификатсионии кормандон;

- таъмини баланд бардоштани сатҳи воқеии музди меҳнати кормандони муассисаҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.1996 №77).

## 3. Сарбории кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

6. Меъёри музди меҳнат барои фаъолияти педагогии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои ҳаҷми муайяншудаи меъёри сарбории таълимӣ 22 кредит (ҳаҷми сарбории фаъолияти педагогӣ) пардохт карда мешавад.

7. Музди меҳнати моҳонаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ то саршавии соли таҳсил бо роҳи тақсим намудани ҳосили зарби меъёри барои як соат муайянгардида ба ҳаҷми сарбории солонаи омӯзгор ба 10 моҳи таҳсил муайян мешавад.

8. Меъёри муайянгардидаи музди меҳнат ба омӯзгор дар тамоми мӯҳлати соли таҳсил ва давраи таътил, ки ба рухсатӣ рост намеояд, пардохт мешавад.

9. Андозаи музди меҳнати роҳбарият ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи ҷадвали зерин муайян карда мешавад.

*Ҷадвали. 1*

**Нақшаи музди меҳнати роҳбарият ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи басти воҳидҳои намунавӣ**

| № | Кормандон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Директор | 1265 |
| 2 | Ҷонишини директор оид ба корҳои таълим | 1150 |
| 3 | Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбия ва дигар ҷонишинон | 1100 |
| 4 | Сармуҳосиб | 1075 |
| 5 | Сардори раёсат, декани факултет | 1035 |
| 6 | Сардори шуъба, мудири кафедра | 950 |
| 7 | Муовини мудири шуъба, Сардори бахш | 900 |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | Сардори маркази тестӣ ва машварати (дигар сардорони марказҳо) | 890 |
| 9 | Ҷонишини сардори шуъба, ҷойнишини декан, эдвайзер | 850 |
| 10 | Сармутахассис, ҳуқуқшинос | 805 |
| 11 | Мутахассиси пешбар | 748 |
| 12 | Мутахассис | 690 |
| 13 | Лаборанти калон | 575 |
| 14 | Лаборант | 497 |
| 15 | Дигар кормандони хурди техникӣ ва ёрирасон | 460 |

Эзоҳ: *Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбие, ки то ҳол тибқи низоми анъанавӣ фаъолият доранд метавонанд аз Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф қабул шудааст, амал намоянд.*

## 4. Тартиби ташаккули ҷадвали басти вазифаҳо ва маоши вазифавии ҳайати устодону профессорони муассисаҳои таҳсиоти миёна ва олии касбӣ.

10. Таъин намудани мансаби профессорию устодии муассисаҳои таълими дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда» ва «Низомнома дар бораи ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои холии професорию омӯзгорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/15 аз 25.11.2011 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

11. Сарбории таълимии ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои як соли таҳсил дар асоси нақшаи таълимии кории самт (ихтисос), ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад.

12. Сарбории умумии ҳайати профессорону устодон дар як соли таҳсил бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои як воҳиди корӣ новобаста аз дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 54 кредит (1296 соат) аз ин сарбории фаъол 22 кредит (528 соат) ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба миқдори 64 кредит (1536 соат) аз ин сарбории фаъол 23 кредит (552 соат) муқаррар карда мешавад, ки 1 кредит ба 24 соат дарсӣ баробар мебошад.

13. Сарбории таълимӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ соатҳои фаъол (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ) ва соатҳои ғайрифаъолро (соатҳои барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии корҳои курсӣ) дар бар мегирад.

14. Сарбории таълимии кормандони маъмурии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро мувофиқ ба ҳаҷм ва вақти корӣ,

шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муайян менамоянд.

15. Муайян намудани таносуби соатҳои сарбории таълимии фаъол ва ғайрифаъоли ҳайати профессорону устодон барои як воҳиди корӣ ба салоҳияти муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гузошта мешавад.

16. Дар ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, кори курсӣ, кори хатмкунии бакалаврӣ, рисолаи илмии магистрӣ ва рисолаи номзади доктор (Phd) ба сарбории таълимии омӯзгор дар ҳаҷми воҳиди корӣ ё дар шакли соатбайъ муайян намудани он, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақил мебошад.

17. Меъёри сарбории таълим (бо соат) дар соли таҳсил дар кафедраҳо аз тарафи шуъбаи таълим муқаррар гардида, бо фармоиши ректор ва директори муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тасдиқ карда мешавад. Шумораи ниҳоии соати солонаи сарбории таълимии омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ на зиёда аз 33 кредит ё 792 соат ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на зиёда аз 96 кредит ё 2304 соат муқаррар карда шавад.

18. Ҷадвали басти вазифаҳои ҳайати профессорону устодон, дар доираи воҳидҳои муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ: факултет ва кафедраҳо, марказҳо ва ғайра тибқи сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, вобаста аз сарбории таълимии солона ва бо дарназардошти меъёрҳои вақти муқаррарнамуда барои ҳайати профессорону устодон сохта шуда, аз тарафи роҳбари муассиса (директор ва ректор) дар мӯҳлати на дертар аз 31 августи соли таҳсили ҷорӣ тасдиқ ва бо (мақомоти болоӣ) муассис мувофиқа карда мешавад.

*Ҷадвали. 2*

Музди меҳнати ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Дотсент, номзади илм | 1093 |
| 2 | Омӯзгори калон | 978 |
| 3 | Ассистент(омӯзгор) | 920 |
| 4 | Коромӯз - тадқиқотчӣ | 863 |

*Эзоҳ: Музди меҳнати профессор доктори илм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки тариқи соатбаъй, ҳамкор ва ё корманди асосӣ кор мекунанд ба музди меҳнати профессор доктори илм муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баробар карда мешавад.*

**Ҷадвали. 3**

**Музди меҳнати ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ**

| Ҳайати профессорону устодон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка, сомонӣ |
|---|---|
| Профессор | 1150 |
| Дотсент | 1093 |
| Омӯзгори калон | 978 |
| Ассистент (омӯзгор) | 920 |
| Коромӯз, таткиқотчӣ | 863 |

*Эзоҳ: Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сурати пеш омадани зарурат метавонад. дар доираи маблағҳои ҷадвали мазкур музди меҳнати дигар зинаҳои профессорону устодони муассисаҳои худро мутаносибан муайян намоянд. (масалан профессор доктори илм, профессор номзади илм, дотсент доктори илм.................).*

19. Маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба омӯзгор барои иҷрои ухдадориҳои вазифавии онҳо ва корҳои дар накшаи таълимӣ, шартномаи меҳнатӣ ва дастурамали вазифавӣ пешбинишуда, пардохта мешавад.

20. Андозаи маоши вазифавии (меъёрҳои) профессорону устодон аз ҳисоби маблағҳои махсус дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо назардошти вазифа ва дараҷаи унвони илмии онҳо муқаррар карда мешавад.

**5. Иловапулиҳо барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.**

21. Ба ғайр аз маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба ҳайати профессорону устодон иловапулии ҳатмӣ, инчунин мукофотпулии ҳавасмандкунанда, бо фармоиши роҳбари муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, шартномаҳои коллективӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ муқаррар карда мешавад.

22. Ба иловапулии ҳатмӣ дохил мешавад:

- иловапулӣ барои мавҷудияти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм ба андозаи 30 фоиз маоши вазифавӣ (аз ҷойи кори асосӣ) тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1.06.1999, №250 «Дар бораи муқаррар кардани иловапулӣ ба маоши дорандаи унвони илмӣ»;

- иловапулӣ барои корҳои зарарнок, пас аз гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №429 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнат»;

23. Ба мукофотпулии ҳавасмандкунанда дохил мешаванд:

- мукофотпулӣ аз руи меъёрҳои арзёбии самаранокии фаъолияти кормандон;

- мукофотпулӣ аз рӯи таносуби иштироки меҳнатӣ;

- мукофотпулӣ барои навиштан ва нашри монография, китобҳои дарсӣ, маҷаллаҳо, маҷмӯаи корҳои илмӣ, таълимӣ ва дастури таълимӣ-методӣ;

- мукофотпулӣ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, роҳбарии корҳои илмӣ ва машварати илмии докторантҳо;

- мукофотпулӣ барои таҳкими ташкилӣ ва роҳбарии илмӣ-методии барномаҳо оид ба расонидани хизматрасонии таълимии иловагӣ, такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ;

- мукофотпулӣ вобаста ба ҷашнҳои расмӣ.

- дигар мукофотпулиҳо вобаста ба тахассусият (тиб ва фарҳанг)

24. Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳуқуқ доранд, ки мукофотпулию иловапулиҳои гуногунро, ки дар банди 23. омадааст ҷорӣ намоянд.

25. Шакл, тартиб ва андозаи пардохти мукофотпулию иловапулиҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар мувофиқа бо иттифоқи касабаи муассиса ва розигии муассис (ташкилоти болоӣ) пардохт карда мешавад.

26. Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ касбӣ дастурамал ва ё низомнома оид ба пардохти иловапулӣ ва мукофотпулиро бо қарори Шӯрои олимон таҳия ва тасдиқ менамояд.

27. Андозаи иловапулию мукофотпулиҳои сархати 4 банди 22 ва банди 23 дар як моҳ аз андозаи маоши вазифавии моҳона зиёд буда наметавонад.

28. Иловапулӣ барои кор дар рӯзҳои истироҳат, ид, изофакорӣ мутобиқи моддаи 154 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иловапулӣ барои кори шабона тибқи моддаи 156 Кодекси зикршуда пардохт карда мешаванд.

29. Ба кормандоне, ки дар як муассиса дар баробари кори асосии бо шартномаи меҳнатӣ тасдиқшудаи худ аз рӯи ихтисос, дараҷа ва вазифа (мансаб) дар муддати бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии роҳбари муассиса муқарраркардаи давомнокии рӯзи корӣ (басти корӣ) бе озодшавӣ аз кори асосӣ корҳои иловагиро аз рӯи дигар ихтисос иҷро мекунанд, барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадории кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда иловапулӣ (ба андозаи 30%-и кор ва хизмати иҷрошуда) аз ҳисоби маблағҳои махсус дода мешавад.

30. Дар ҳар як ҳолати мушаххас масъалаи имконпазирӣ ё ба мақсад мувофиқ будани якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо) ва муваққатан иҷро намудани уҳдадории кормандони ба кор ҳозирнабуда бо асосноккунии аз ҷониби роҳбари воҳиди сохтор ё ноиби ректор муайян карда мешавад, барои қабули фармоиш ба ректор ва директор пешниҳод менамояд.

31. Андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми кори иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадории кормандони муваққатан ба кор ҳозирнабуда аз тарафи корфармо бо розиғии корманд, анҷом дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо миқдори иловапулӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус бояд на камтар аз 15 ва на зиёда аз 50% маоши вазифавӣ (ставкаи маош аз буҷет) кори якҷояшавандаро ташкил диҳад.

32. Шароити меҳнати вазнин ва зараровар дар асоси аттестатсияи ҷойҳои корӣ аз рӯи шароити меҳнате, ки ҳолати воқеии омилҳои хатарнок ва зараррасони истеҳсолиро дар ҷойҳои кор муайян менамояд, муқаррар карда мешавад. Тартиби гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои холии корӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №429 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Андозаи

иловапулӣ барои корҳои вазнин ва зараровар вобаста ба шароит аз 12 то 20 фоизи маоши вазифавӣ (ставкаи тарифӣ) муайян карда мешавад.

33. Пардохти иловапулию мукофотпулиҳо дар ҳолати мавҷуд будани сарфаи музди меҳнат аз ҳисоби ҷойи кории холӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои махсус муқаррар карда мешавад.

34. Иловапулии ҳайати роҳбарикунанда ба роҳбари мақоме, ки дорои ҳуқуқи моликият буда, шартномаи меҳнати бо у баста мешавад, ҳуқуқ дода шавад, ки барои иҷрои кори махсусан муҳим ба андозаи то 50 фоизи маоши хизматӣ иловапулӣ муқаррар намояд. Ин иловапулӣ дар сурати саривақт иҷро накардани супоришҳо, бад шудани сифати кор, инчунин дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат бекор ва ё кам карда мешавад.

## 6. Тартиби сохтани ҷадвали басти вазифаҳо ва маоши вазифави (меъёрӣ)-и ҳайати маъмурӣ-идоравӣ, таълимӣ ёрирасон ва дигар кормандони техникии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

35. Ҷадвали басти вазифавии соли тақвимии кормандон ва музди меҳнати маъмурӣ-идоравӣ, таълимӣ, ёрирасон ва дигар кормандони техникии муассисаи таҳсилоти олӣ аз тарафи муассис на дертар аз 10 январ тасдиқ карда мешавад.

36. Ҷадвали басти вазифаҳои категорияҳои кормандони номбаршуда тибқи сохтори тасдиқгардидаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, вобаста ба эҳтиёҷоти воқеии воҳидҳо, ҳаҷми иҷрои корҳои онҳо, инфрасохтори ташаккулёфта, минтақаҳои хизматрасонӣ, иншоот ва таҷҳизот, мавҷудияти китобҳо ва маҷмӯаҳои осорхона, сохтори идоракунии амалкунанда ва оинномаи тасдиқнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиб дода мешавад.

37. Андозаи маошҳои вазифавӣ (меъёрҳои) категорияҳои кормандони номбаршуда, ҳамчунин аз ҷониби Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти мураккабии кор ва тахассуси кормандон, на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнати муқаррар намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар карда мешавад.

38. Маоши вазифавӣ (меъёрӣ) ба кормандон барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии онҳо, корҳои пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ ва вазифаи тасдиқгардида, пардохт карда мешавад.

39. Ҳангоми тартиб додани басти вазифаҳои кормандон аз рӯи вазифаҳои хизматӣ ба категорияҳои сардори раёсат, мудири шуъба ва ё бахш, сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис тақсим мешаванд. Тавсия дода мешавад, ки ҳиссаи кормандони мансабдор (сардори раёсат, мудирони шуъба, марказ ва ё бахш) набояд аз 25 фоизи шумораи умумии кормандон зиёд бошад. Шумораи сармутахассисон низ набояд аз 25 фоизи кормандон зиёд бошад.

40. Корманди баландихтисоси, соҳаҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар ташкилотҳо метавонанд ба кори педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба таври соатбайъ ҷалб карда шаванд, агар ҳаҷми кори педагогии онҳо дар соли таҳсил аз 240 соат 10 кредит

зиёд набошад. Агар ҳаҷми кори педагогӣ дар соли таҳсил аз 240 соат (10 кредит) зиёд шавад, кори зиёда аз 240 соат (10 кредит) кори муштарак ҳисоб меёбад ва мутобиқи замимаи 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 1998 №122 ба расмият дароварда мешавад.

41. Ҳайати кормандони маъмуриву идоравӣ, таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва маъмурию хоҷагии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дорои таҳсилоти олии касби, ҳайати штатии профессорию омӯзгории муассисаҳои миёна ва олии касбӣ мебошанд, бо иҷозати роҳбарият зимни кори асосӣ метавонанд, вақти кори зиёда аз 6 соатаро аз рӯи вазифаи асосӣ кори таълимӣ, кори педагогӣ оид ба баланд бардоштани тахассуси кормандони роҳбарикунанда ва муҳандисию техникӣ ва кормандони сохторҳои давлатӣ дар худи ҳамин муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин дар бахшҳои тайёрӣ барои дохил шудан ба мактаби олӣ дар шароити ҳаққи соатбайъ дар ҳадди 360 соат дар як сол пеш баранд.

**Ҷадвали. 4**

**Басти вазифаҳо ва маоши вазифавӣ (меъёрӣ)-и**
**ҳайати маъмурӣ, ёрирасон ва техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ**

| Кормандон | Ҳаҷми музди меҳнат барои як ставка, сомонӣ |
|---|---|
| Ректор | 1380 |
| Муовини ректор оид ба таълим, | 1265 |
| Муовини ректор оид ба тарбия, илм, иқтисод, байналмилалӣ ва ғайра) | 1200 |
| Сармуҳосиб | 1173 |
| Сардори раёсат, мушовири ректор | 1150 |
| Муовини сардори раёсат, декани факултет, | 1093 |
| Мудири кафедра | 1050 |
| Мудири шуъба, сардори марказҳо | 1035 |
| Муовини мудири шуъба, сардори бахш | 950 |
| Ёвари ректор, ҷонишини декан, эдвайзер | 900 |
| Сармутахассис, ҳуқуқшинос | 850 |
| Мутахассиси пешбар | 805 |
| Мутахассис | 748 |
| Лаборанти калон | 690 |
| Кормандони ёрирасон (лаборант, корманди таъминоти барқ, корманди таъминоти об, муҳандиси техникаи бехатарӣ) | 550 |
| Кормандони техникӣ | 480 |

## 7. Тартиби баҳисобгири ва пардохтӣ музди меҳиат

### Пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

42. Фаъолияти маблағҳои махсуси муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» ва фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2010, №16 «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Оиди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои Буҷети давлатӣ» ҷорӣ карда мешавад.

43. Андозаи умумии маоши вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тибқи Низомномаи мазкур бо назардошти маблағҳои буҷетӣ ва маблагҳои махсус мустақилона таҳия карда шуда бо қарори Шӯрои олимон ва аз тарафи ректорон ва директорон дар мувофиқа бо иттифоқи касабаи кормандони муассиса тасдиқ карда мешавад. Ҷадвали басти вазифаҳои кормандон аз тарафи муассиси (мақомоти болоӣ) муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

44. Музди меҳнати хизматии директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус, метавонад вобаста ба теъдоди кормандони муассиса ва музди меҳнати минималӣ дар муассисаи мазкур тибқи ҷадвали зерин муқаррар карда шавад. Музди меҳнати диғар кормандон дар доираи ҳудуди мазкур бо назардоштӣ таносуб муайян карда мешавад.

*Ҷадвали. 5*

***Ҷадвали муайян намудани музди меҳнати директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ***

| Шумораи кормандон (нафар) | Маротиба нисбати андозаи ставкаи тарифии коргари дараҷаи 1 касби асосӣ дар муассиса |
|---|---|
| То 100 | То 10 |
| Аз 100 - 1000 | То 12 |
| 1000 - 5000 | То 16 |
| Зиёда аз 5000 | То 20 |

45. Дар асоси банди 18 Дастурамал «Оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои Буҷети давлатӣ» муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ҳолати норасоии пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ метавонад, дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсуси худ истифода намоянд.

46. Тақсимоти маблағе, ки ба суратҳисоби махсуси муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ворид мешавад, бо назардошти эҳтиёҷоти муассиса сурат мегирад. Тавсия дода мешавад, ки то 60% маблағҳои воридшуда барои пардохти фонди музди меҳнат (музди меҳнат ва пардохти маблағҳои иҷтимоӣ) равона карда шавад.

## 8. Пардохти музди меҳнати соатбайъ

47. Соатбайъ ҳаҷми фаъолияти омӯзгорие мебошад, ки то 10 кредит ё 240 соат барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ инчунин муассисаҳои таълимии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли таҳсил ташкил дода, тибқи қарордод муайян шудааст.

48. Андозаи музди меҳнати соатбайъ барои сарбории таълимӣ дар бораи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин муассисаҳои таълимии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба андозаи музди меҳнати омӯзгорон вобаста ба дараҷа ва унвони илмӣ дар ин муассисаҳо барои як соат муайян мешавад.

49. Пардохти музди меҳнати соатбайъ ба кормандони омӯзгории ҳамон як муассисаи таълимӣ аз ҳисоби соатбайъ, ки бо роҳи тақсими ставкаи моҳонаи омӯзгори ивазшаванда ба меъёри моҳонаи соатҳои кори омӯзгорӣ, пардохта мешавад.

**9. Пардохти музди меҳнат дар давраи ҷоиишинии муваққатӣ.**

50. Музди меҳнати иловагӣ ба ҷонишини директор ва ноиби ректор барои иҷрои вазифаи директор ва ректор, ки муваққатан дар кор ҳозир нест пардохт карда намешавад.

51. Вақте ки омӯзгор дарсӣ омӯзгори дигареро иваз менамояд, сарбории ивазшаванда ба сарбории асосӣ ҷамъ шуда, музди меҳнат, барои соатҳои ҳақиқӣ пардохт карда мешавад.

**10. Пардохти музди меҳнат дар давраи таътил.**

52. Музди меҳнати омӯзгорон дар давраи таътили тобистона ва зимистона аз ҳисоби музди меҳнати тибқи ҷадвали музди меҳнати ҳайати профессорону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқарраршудаи давраи пеш аз таътил, бе иловапулӣ пардохт карда мешавад.

**11. Қондаҳои хотимавӣ .**

53. Муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд дар асоси Низомномаи мазкур «Низомнома дар бораи пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ»-и муассисаи худро таҳия намоянд.

54. Низомнома аз тарафи муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳия гардида, бо Вазорати маориф ва илм мувофиқа карда мешавад.

55. Дар ҳолати нарасидани фонди музди меҳнат, хароҷот барои пардохти музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои махсус пардохт карда мешавад.

56. Дигар тартиб, шартҳо вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ кормандони таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки дар дастурамали мазкур ба танзим дароварда нашудааст, бо қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

57. Низомномаи мазкур аз 01.01.2019 амал мекунад.